# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Душанбе, 2026. – 171 с.**

Истиқлоли фикрии андешамандони охири асри XIX дар доираи фаҳмиши воқеаҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва қиёси он бо аморати давр барои ташаккули афкори нави адабӣ замина мегузорад. Муосирон ба ду самт – талабгорони нави идоракунӣ ва куҳнапарастон ҷудо шуда, ҳар гуна кӯшишҳои маорифпарварон аз ҷониби амир назорат мегардид. Мусаллам аст, ки ҳама намуди адабиёт дар замони таърихӣ ба таҳаввулот дучор мегардад. Мавзуъҳои адабиёт, сабк ва жанрҳои он мисли занҷираи тамаддуни беохир ба ҳам дар тули таърих мепайванданд. Дар илми адабиётшиносӣ таҳқиқи ҷанбаҳои адабӣ ва назарии мутафаккирони гузашта хеле муҳим аст, ки дар ин росто насри бадеӣ-фалсафии Аҳмади Дониш, аз ҷумла «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Меъёру-т-тадайюн» аз ин паҳлу дур нестанд. Поэтикаи насри Аҳмади Дониш, ғолибан, дар заминаи насри анъанавии классикӣ ташаккул ёфта, дар диссертатсияи мавриди назар андешаҳои бадеӣ ва назарии мутафаккир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Мақсади асосии таҳқиқ баррасии андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш буда, чунин масоил то имрӯз ба таври кофӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифта, **мубрамии мавзуи таҳқиқро** собит менамояд.

Пажуҳиши марҳилаҳои асосии ташаккулу таҳаввули падида ва равандҳои адабӣ аз давраҳои қадим то имрӯз, ҳаёт ва эҷодиёти адибон, қонуниятҳои инкишофи адабиёт, давраҳои таърихи адабиёти тоҷик, рушду таҳаввули жанрҳо, сабкҳои адабӣ ва афкори адабӣ-назарии мутафаккирон аз ҷумлаи мавзуъ ва масъалаҳое мебошанд, ки дар доираи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Дар **бандҳои 7-8-уми** «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии **6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ** таҳқиқи адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI-XIX, адабиёти давраи нав, аҳди ҷадидия ва вазъи адабиёти тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX тарҳрезӣ гардида, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба доираи масоили пажуҳишии дар бандҳои мазкур таъиншуда комилан **мувофиқат менамояд**.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Муаллифи диссертатсия навгонии кори худро дар чаҳор қисмат баён намудааст, ки муҳимтарини онҳо аз таснифу таҳлил намудани андешаҳои назарии Аҳмади Дониш, муайян намудани заминаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии пайдоишу ташаккули андешаҳои адабӣ ва назарии мутафаккир, таҳқиқ ва баррасии *шеър* ва *шоири комил* аз назари Аҳмади Дониш мебошад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои диссертатсия** илман асоснок буда, бо хулосаҳои муҳимму далелнок мустаҳкам гардидаанд.

Муаллиф нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар чаҳор қисмат муайян намудааст ва аз ҷумла зикр мекунад, ки оғози раванди шинохти рӯзгор ва осори Аҳмади Дониш аз ибтикори устод Садриддин Айнӣ сарчашма гирифта, дар тули як аср дар таҳқиқу баррасии осори ӯ корҳои зиёде ба анҷом расидааст. Воқеан, Аҳмади Дониш вобаста ба авзои замони худ дар асарҳояш изҳори андеша намудааст, ки дар ин самт ба фикри муаллиф дар мавриди «Тавсиф ва мазамммати касби шеъру шоирӣ аз ҷониби Дониш сабабҳои худро доро буд ва ба муҳити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давр алоқаи қавӣ дошт», розӣ шудан мумкин аст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда **натиҷаҳои боэътимод** ба мушоҳида мерасанд ва далелу муҳокимаю хулосаҳои кори таҳқиқӣ ҷалби таваҷҷуҳ мекунанд. Дар диссертатсия аз сарчашмаҳои адабӣ ва осори назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва нашри мақолаҳои марбут ба мавзуи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқ мебошанд. Андешаҳои баёншуда **эътимоднок будани натиҷаҳои таҳқиқро** собит менамоянд. Омӯзиши андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш, осори назарии марбут ба мавзуъ, интихоби дурусти методҳои таҳқиқ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия матраҳшуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод бароварда, дурнамои таҳқиқоти равишмандро дар соҳаи адабиётшиносӣ дуруст муайян намояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб бо фарогирии 9 фаслу 8 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима **мубрамии** мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок ва дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудааст.

**Боби нахусти** диссертатсия «**Аз таърихи аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон**» ном дорад ва дар се фасл баррасӣ гардидааст. **Фасли аввали боби мазкури «Оғози шинохт ва зикри Аҳмади Дониш дар сарчашмаҳо»** унвон дошта, рӯзгор ва осори Аҳмади Донишро дар заминаи андешаҳои тазкиранависони ҳамзамонаш баррасӣ намудааст, ки аз ҷумлаи он «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқи Ҳишмат, «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё, «Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-иш-шуаро в-ал-ашъор»-и Афзал Махдуми Пирмастӣ, «Тазкират-уш-шуарои мутааххирин»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам ва «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ мебошад.

**Фасли дуюми боби якум** бо номи «**Мухтасар аз таҳлилу таҳқиқи ҳаёту фаъолияти эҷодии Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон**» аслан ба таҳқиқи ҳолу аҳвол ва таҳлилу нашри осори Аҳмад Махдуми Дониш дар илми муосири тоҷик сару кор гирифтааст.

Дар ин фасл муаллиф таҳқиқоти донишмандони муосир, аз зумра Садриддин Айнӣ, Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, С. Улуғзода, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, А. Мирзоев , Н. Маъсумӣ, А. Маниёзов, Р. Ҳодизода ва олимони даврони истиқлоли кишвар С. Амирқулов, А. Муллоев, Х. Олимӣ ва дигаронро ҷиҳати омӯзиши рӯзгор ва осори Аҳмади Дониш тазаккур дода, баъзе нуктаҳои назари худро баён намудааст. Аз ҷумла, муаллиф тазаккур додааст, ки «Ҳадафи мо аз додани маълумоти мухтасар дар ин зербоб таъкид намудани таҳқиқотест, ки дар онҳо то андозае ба назар ва андешаҳои Аҳмади Дониш роҷеъ ба масъалаҳои адабӣ ва эҷод, манзилат ва вазифаҳои эҷодкор ишораҳо шудаанд» (дисс., с. 40).

**Фасли сеюми боби аввали** кори диссертатсионӣ ба мавзуи «**Дастовардҳо ва заъфи аҳмадидонишшиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик**» бахшида шудааст ва он аввалин маротиба дар чунин шакл таҳлил мегардад. Дар диссертатсия заҳматҳои олимони тоҷик дар шинохти Аҳмади Дониш ва муаррифии ҳунарҳои гуногуни ӯ ба таври зарурӣ нишон дода шуда, дар баробари ин норасоиҳои ҳанӯз ҷойдошта дар пажуҳиши ҳаматарафаи рӯзгор ва осори мутафаккир дар ин фасл тазаккур гардидааст.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Заминаҳои пайдоиш ва таҳаввули андешаҳои адабии Аҳмади Дониш»** номгузорӣ шуда, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Фасли якуми боби мазкур **бо номи «Заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии андешаҳои адабии Аҳмади Дониш»** чор зерфаслро фарогир буда, дар он заминаҳои ташаккули фитрии мутафаккир баррасӣ гардидаанд.

Дар **зерфасли аввал** бо номи **«Муҳити хонаводагӣ ва истеъдоди фитрию азалии Дониш»** муаллифи диссертатсия дар заминаи андешаҳои Садриддин Айнӣ ва Расул Ҳодизода ба хулосае меояд, ки маҳз волидайни соҳибмаърифат барои босавод гардидани Аҳмади Дониш аз овони хурдӣ замина мегузоранд.

Дар **зерфасли дувуми** фасли мазкур муаллиф таъсири осори исломӣ ва маҳфилҳои қиссахонию таърихнихониро ба таҳаввули андешаҳои Аҳмади Дониш муҳим донистааст.

**Зерфасли сеюми фасли нахусти боби дуюм «Нақши ашъори гузаштагон ва муҳити адабии замони Аҳмади Дониш дар таҳаввули андешаҳои адабӣ ва назарии ӯ»** номгузорӣ шудааст. Ба қавли муаллифи диссертатсия «Аҳмади Дониш шахсияти дар руҳияи фарҳангу адаби миллӣ тарбиятёфта буд ва яке аз воситаҳои тарбияти ӯ шеъру адаби классикии форсу тоҷик ҳисоб мешуд» (дисс., с. 69). Дар воқеъ, Аҳмади Дониш нахустин шавқи худро дар донистани таърих, қиссаҳо ва ахбор дар муҳити қиссахонҳо донистааст.

**Зерфасли чоруми фасли аввал** бо номи **«Омӯзиш ва шиносоӣ бо фарҳангу тамаддуни халқҳои дигар»** роҷеъ ба назари Аҳмади Дониш ба тамаддуни ақсои олам баҳс менамояд. Дар ин зерфасл муаллиф бештар ба натиҷаи сафари Аҳмади Дониш ба Русия такя намуда, дар мавриди огоҳии ӯ аз

ахбори ҷаҳонӣ тавассути тоҷирон ва маҷаллаю рӯзномаҳои дар Шарқи мутамаддин нашр гардида, андеша баён накардааст.

**Фасли дуюми боби дуюм «Назари маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ва таъсири он ба андешаҳои адабии ӯ»** номида шудааст. Дар ин фасл, муҳаққиқ бар ин назар аст, ки маҳз «андешаҳои адабии Аҳмади Дониш қисмате аз андешаҳои маорифпарваронаи ӯро фароҳам овардаанд, зеро асли онҳо маърифати тарбиявии адабиёти бадеӣ мебошад. Нақди Аҳмади Дониш аз шеъру шоирӣ, адибу осори замони худ воқеӣ буда, ҳадафи он нишон додани манзалати сухани ҳақ ва тасвири шоирона аст» (автореф., с. 23). Бояд гуфт, ки андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш барои таҳияи соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ низ заминаи мусоид гузоштааст.

**Боби сеюми** кори диссертатсионӣ **«Таҳлили ақидаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш»** унвон дошта, **фасли аввали** он бо номи **«Муносибати Аҳмади Дониш ба шеъру шоирӣ»** тавсиф ва мазамматӣ шеъру шоирӣ аз диди Аҳмади Дониш баррасӣ гардидааст. Махсусан, муаллифи диссертатсия ба фасли «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо» аз «Наводир-ул-вақоеъ» такя намуда, тарафҳои хубу нохуби ин пешаро дар радифи пешаву касбҳои дигар муайян менамояд.

**Фасли дуюми** боби мазкур бо номи **«Истилоҳоти адабӣ ва истифодаи онҳо дар осори Аҳмади Дониш»** аз чаҳор зерфасл таркиб ёфтааст.

Дар **зерфасли аввал** бо номи **«Мафҳум ва ҳадафи сухан аз нигоҳи Аҳмади Дониш»** дар мавриди мавқеи вожаи «сухан» ҳамчун истилоҳ дар таркиби насри «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш мавриди омӯзиш қарор ёфтааст.

Дар зерфасли дуюм бо номи **«Мафҳуми истилоҳи «аҳли қалам» дар осори Аҳмади Дониш»** муаллифи дисертатсия мафҳуми **аҳли қаламро** аз диди Аҳмади Дониш таҳқиқ намудааст, ки дар ин самт муваффақияти муҳаққиқ ба назар мерасад.

Муаллиф дар **зерфасли сеюм – «Шарҳ ва истифодаи истилоҳҳои «шароеъ», «саноеъ», «бадоеъ», «фасоҳат» ва «балоғат» аз ҷониби Аҳмади Дониш»** истилоҳоти номбурдаро ба доираи пажуҳиш даровардааст. Дар ин фасл истилоҳоти болозикр ба таври қиёс шарҳ ёфтаанд.

**Дар зерфасли чорум – «Истифодаи истилоҳоти навъ ва жанрҳои адабӣ дар осори Аҳмади Дониш»** навъу намуд ва жанрҳои адабие, ки дар осори Аҳмади Дониш зикр гардидаанд, таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Муаллифи диссертасия назари Аҳмади Донишро дар мавриди **ҳикоят** аз ҳафт қисмат баррасӣ намуда, аз ҷумла қавли Аҳмади Донишро «диданӣ ва шуниданӣ аз хосиятҳои ҳикоят ҳастанд»-ро баён намудааст, ки асоси ҳикояҳои «Наводир-ул-вақоеъ» воқеиятро дарбар мегирад.

Истилоҳи **ривоят,** *базл ё базла, қисса, қисас, саргузашт* ва *ахбор, байт часпонибайт, рубоӣ, ғазалиёт* ва дигар жанрҳо аз диди Аҳмади Дониш дар ин фасл бо овардани далел мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Дар фасли сеюми боби сеюм** бо номи «**Шеър ва ҳунари шоирӣ аз нигоҳи Аҳмади Дониш**» муаллифи диссертатсия назарияи шеършиносиро ҳамчун масъалаҳои асосӣ таҳқиқ намудааст. Махсусан, муаллифи диссертатсия ба фасли «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо» аз «Наводир-ул-вақоеъ» таваҷҷуҳ намуда, бар он андеша аст, ки Аҳмади Дониш тарафдори таъсири шеър ба нафс аст, вале интизории ӯ аз натиҷаи ин таъсир аз шеършиносони пешин фарқ мекунад.

**Фасли чоруми боби сеюм** «**Назар ва андешаҳои ноқидонаи Аҳмади Дониш**» ном дошта, дар он назари ноқидонаи Аҳмади Дониш роҷеъ ба шеъру шоирӣ мавриди пажуҳиш қарор ёфтааст. Дар ин фасл, муаллиф шарҳи байтҳои алоҳидаи Абдулқодири Бедилро аз ҷониби Аҳмади Дониш таҳқиқ намудааст.

**Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант** дар 13 банд оварда шудаанд, ки натиҷаи ковишу баррасиҳои пурвусъати ӯ мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, аз як тараф, паҳно ва вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи баланди илмии ин кор мебошад.

**Аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ** бо он асос меёбад, ки натиҷаҳои илмии диссертатсияи мазкур дар такмили баъзе масъалаҳои назарии марбут ба шинохту таҳқиқи каломи бадеъ, назарияи адабиёт ва нақди адабӣ замина мегузорад. Усулу равишҳои таҳлилу таҳқиқи афкори адабӣ ва назарии мутафаккирон, аз ҷумла Аҳмади Дониш, ки дар диссертатсия муаррифӣ гардидаанд, дар таҳқиқоти назарияпардозон ва муҳаққиқон, бахусус дар самти омӯзиш ва пажуҳиши хусусиятҳои афкори адабӣ-танқидии давраи мазкур муфид аст. Хулоса ва тавсияҳои муаллифи диссертатсияро дар пажуҳишҳои минбаъдаи марбут ба афкори адабию назарӣ ва мероси адабии Аҳмади Дониш ҳамчун асос истифода бурдан имкон дорад. Аз тарафи дигар, маводди дар бобу фаслҳои диссертатсия манзуршуда, пешниҳоду тавсияҳо ва хулосаҳои муаллифро дар таълифу таҳияи дастуру васоити таълимӣ, китобҳои дарсӣ оид ба таърихи адабиёти тоҷик, назарияи адабиёт ва нақди адабии тоҷик метавон истифода бурд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **4 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **3 мақолаи дигар** дар маводди конференсияҳо ба нашр расонидааст. **Маводди интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, **саҳми шахсии муаллифро** собит менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия, автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро

гирифта, ба **талаботи** Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ **мувофиқат менамоянд.** Натиҷаҳои таҳқиқ боиси рӯшан сохтани андешаҳои адабии миллии як давраи муайяни адабиёт – асрҳои XVI-XIX мегардад. Ба тарви алоҳида бошад, андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш нахустин маротиба дар шакли кори диссертатсионӣ таҳқиқ шудааст.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои зиёди илмию таҳқиқӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани ҳусни илмии кор аз аҳамият холӣ нест:

1. Баъзе андешаҳои муаллифи диссертатсия аз чаҳорчӯбаи баҳогузорӣ бо таҳқиқоти дигарон мухолифанд. Масалан, муаллифи диссертатсия ҳангоми баррасии дараҷаи таҳқиқи мавзуъ чунин ишора мекунад, ки таҳқиқоти «аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногуни илм иброз шудаанд, ба назар ночиз метобанд» (дисс., с. 5). Дар ҳоле ки дар даврони шуравӣ, баъдан соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашри осор ва мероси хаттии бузургони гузашта идома ёфта, нигоҳу сатҳи таҳқиқи онҳо то андозае иваз шуд.

2. Агар диссертант дараҷаи таҳқиқи мавзуъро таҷдиди назар намуда, мукаммалтар мекард, сифати пажуҳиш баландтар мегардид. Чунки дар баррасии мақолаи Абдулғанӣ Мирзоев бо номи «Дониш ва ақидаи ӯ ба шеъру шоирӣ» бар он андеша аст, ки «мақола чизеро дар таҳлили афкори адабии Аҳмад Махдум ошкор насохтааст» (дисс., с. 5) ва ба фикри диссертант бештар ба қисмати насиҳати фарзандон такя намудааст. Муаллифи диссертатсия низ дар вақти таҳқиқи масъала ба пуррагӣ ба қисмати мазкур такя менамояд.

3. Муаллиф дар вазифаҳои таҳқиқ андешаҳои ноқидонаи Аҳмади Донишро ба шеър «муносибати духӯра (мусбат ва манфӣ)» номидаст, ки қобили қабул нест (дисс., с. 10). Маълум аст, ки Аҳмади Дониш, ба қавли худаш, ба ҷомеа бо «либоси нав» баромадааст ва ӯ ноқиди на фақат ҳаёти иҷтимоӣ, балки ақидаю осори гузаштагони хеш ба ҳисоб меравад. Масалан, ҷое дар «Наводир-ул-вақоеъ» меорад: «дар вилояти мо аз ин ҷинс шеърро ба умеди ҳуллаву ҷоиза шуаро ба дари ағниё ва умаро мебаранд, ниҳоят «боракаллоҳ» мешунаванд ва унфу карҳ абрӯ мебардоранд». Яъне, Аҳмади Дониш шеърро на ҳамчун санъат, балки шоирони судҷӯйро мавриди мазаммат қарор додааст.

4. Муаллиф зикр мекунад, ки «Бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷик раванди аҳмадидонишшиносӣ, агарчи комил нест, барқарор шуд» (дисс., с. 12). Дар асл, таҳқиқи рӯзгор ва осори Аҳмади Дониш ҳанӯз аз тазкираҳои замонаш то «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ ва баъдан таҳқиқоти нусхашиносии Е.Э. Бертелс оғоз гардида, ин раванд бо гузоштани мақсад ва вазифаҳо чи дар замони шуравӣ ва чи дар замони Истиқлол такмил ёфтааст.

5. Дар фасли аввали боби якум муғлақбаёнӣ дида мешавад. Ба андешаи муаллифи диссертатсия: «Вобаста ба масъалаи аввал муҳаққиқи афкори адабӣ ва эстетикии намояндагони равияи маорифпарварӣ ва ҷадидияи Бухоро М. С. Абдураҳмонов аз зумраи он адабиётшиносони муосири тоҷик маҳсуб мешавад, ки барои муайян намудани мавқеъ ва манзилати Аҳмади Дониш аз нигоҳи ҳамзамонон ва ояндагони ӯ ба таври шоиста талош варзидааст» (дисс., с. 17). Ба андешаи диссертант М.С. Абдураҳмонов ин равандро ба таври хронологӣ, бо далелҳои боварбахш равшан сохта, бо ақидаҳои илмӣ ва бурҳонҳои тоза такмил додааст. Асосан, дар таҳқиқоти илмӣ сарчашмаи аввал ба инобат гирифта мешавад. Аз ин рӯ, он чизе ки ба М.С. Абдураҳмонов иртибот дорад, пештар С. Айнӣ, С. Улуғзода, А. Мирзоев, З. Раҷабов, Р. Ҳодизода ва дигарон дар осори илмии худ баён намудаанд.

6. Дар фасли сеюми боби аввал «Дастовардҳо ва заъфи аҳмадидонишшиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик» муаллифи дисертатсия бештар умумигуфторӣ кардааст. Ба андешаи муаллиф, «мутуни «Наводир-ул-вақоеъ»... то ба ҳол ба таври комил чоп нашудааст ва ҳар як нашри он аз дигараш тафовут дошта, нусхаҳо дорои камбудҳо ва заъфи алоҳида мебошанд» (дисс., с. 55). Маълум аст, ки нахустин маротиба ба таври пурра солҳои 1988-1989 китоби аввал ва дувум аз ҷониби А. Девонақулов, И. Ализода, М. Исоев, Н. Икромов, М. Бобоев ва С. Раҳимзода рӯйи чопро мебинад. Дар чопи нави илмии «Наводир-ул-вақоеъ» нусхаи рақами 2012, ки ба дасти Абдулвоҳиди Мунзим, соли 1316 ҳиҷрӣ (1898 мелодӣ) аз рӯйи дастнависи худи Аҳмади Дониш хаттотӣ шудаасту бо таҳриру муқобилаи адибони маъруф Ҳайрату Айнӣ, ҳамчунин, дар чопи нав аз нусхаҳои рақами 761 ва 862 низ, ки дар Хазинаи мероси хаттӣ маҳфуз аст, истифода гардидааст. Аз рӯйи муқобала маълум кардан мумкин аст, ки мураттибони аввалӣ (Р. Ҳодизода, А. Девонақулов) ва баъдина (И. Мирзоев ва Б. Мирзоев чопи интиқодии соли 2017) аз нусхаҳои ягона истифода намудаанд, ки иборот ва калимаҳои зиёде дар матни чопи соли 1988 хато оварда шудааст ва дар чопи соли 2017 ин хатоҳо ислоҳ гардида бошанд ҳам, аммо баъзе вожаҳо нодуруст омадаанд. Яъне, муаллифи дисертасия мебоист бо овардани далел заъфи чоп ва ё пура нашр нагардидани онро собит менамуд.

7. Дар диссертатсия бархе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши корро боз ҳам меафзояд (Номи муаллифи мақола, ки Ф. Иброҳимов аст, дар диссертатсия С. Иброҳимов (дисс., с. 47) омадааст; Дар саҳифаи 9 номи китоб нодуруст оварда шудааст: «Поэтикаи фазо ва нақди бадеӣ» – номи китоб «Поэтикаи фазо ва вақти бадеӣ» мебошад).

Ба ҳеҷ ваҷҳ, камбудиҳои зикршуда арзиши илмии кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд. Муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро дар сатҳу савияи зарурии илмию таҳқиқӣ ба анҷом расонидааст. Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ буда, онро дастоварди тоза дар адабиётшиносии тоҷик муаррифӣ намудан мумкин аст.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Олимӣ Хосият Ҳоким
«31» июли соли 2026.

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев, 44, ҳ. 121.
Телефон: (+992) 917-16-07-91.
E-mail: hosiyat.olimova@mail.ru

Имзои Олимӣ Хосият Ҳокимро
тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Телефон (+992-37) 232-50-00; факс: (+992-37) 232-50-03.
Сомона: www.dbz.tj;
E-mail: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru
«31» июли соли 2026.